# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Одиназода Дилосо Давлятшо дар таҳти унвони "Асосҳои методии ру шди фаъолияти амалии муоширатии хонандагони синфҳои миёна зимни омӯзиши забони англисӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D012000 – Таълими касбӣ, 6D012001 - Назария ва методикаи таҳсилоти умумӣ.

Дар муддати кор аз болои диссертатсия Одиназода Д.Д. худро ҳамчун мутахассиси масъулиятнок, донишманд ва бофаросат дар соҳаи таҳқиқи масъалахои вобаста ба таълими забони англисӣ нишон дода тавонист. Қобили зикр аст, ки кори диссертатсионии Одиназода Д.Д. ҳанӯз аз солҳои нахусти кору фаъолияташ маърузаҳо ва ташкилу гузаронидани машғулиятҳои амалиро аз фанҳои тахассусӣ дар асосу заминаи мисолу намунаҳо роҳандозӣ менамуд, ки баъдан заминаи таҳқиқоти диссертатсионии ӯро ташкил кардаанд.

Кори илмии Одиназода Д.Д. дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогика ва кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ анҷом дода шудааст.

Одиназода Д.Д. зинаи бакалавриати факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар соли 2015 бо ихтисоси «муаллими забони анлисӣ» хатм намудааст. Соли 2019 зинаи магистратураи ҳамин донишгоҳро бо ихтисоси «муаллими забони англисӣ» хатм намудааст. Хатмкунандаи зинаи докторантураи PhD-и Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба номи А. Ҷомӣ мебошад.

Аз соли 2015 то 2021 дар МТМУ №5-и ш. Кӯлоб ба сифати омӯзгори забони англисӣ кор кардааст. Аз соли 2016 то 2018 дар Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи миллитсияи ВКД ҶТ» ш.Кӯлоб ба сифати омӯзгори забони англисӣ кор мекард. Аз соли 2018 то соли 2020 дар Муассисаи давлатии таълими «Коллеҷи тиббӣ»-и ш. Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А. ба сифати омӯзгори забони англисӣ фаъолият дошт. Аз соли 2021 инҷониб ассистенти кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ ва ҳамзамон танзимгари факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ кор мекунад.

Дар давоми фаъолияти кориаш муҳаққиқ Одиназода Д.Д. худро бо ҷиҳатҳои мусбат нишон додааст.

Мавзуи рисолаи илмии Одиназода Д.Д. таҳти унвони "Асосҳои методии рушди фаъолияти амалии муоширатии хонандагони синфҳои миёна зимни омӯзиши забони англисӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D012000 – Таълими касбӣ, 6D012001 - Назария ва методикаи таҳсилоти умумӣ дар Шурои

олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 27-уми апрели соли 2022 (суратҷаласаи №9/3-18) тасдиқ шудааст.

Муҳтаво ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмии Одиназода Д.Д. дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, конференсияҳои илмӣ-амалии ҳарсолаи ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ инъикос ёфтаанд. Натиҷаҳои алоҳидаи рисола дар маҷалаҳои илмӣ дар шакли 1 монография, 3 фишурдаи маърузаи илмӣ ва 5 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, дар маҷаллаҳои илмӣ, ки ба рӯйхати маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионӣ»-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомиланд, ба нашр расидаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот:** 1.Моҳият ва мундариҷаи фаъолияти амалии муошират бо назардошти хусусиятҳои синну солии хонандагони синфҳои миёна кушода дода шудааст; 2.Нишондиҳандаҳои ташаккули фаъолияти амалии муошират тахияшуда, ки ба мундариҷаи намудҳои асосии онҳо мувофиқанд, муқаррар гаштаанд; 3.Зарфияти педагогии фанни «Забони хориҷӣ» дар робита ба фаъолияти амалии муошират муайян гаштааст; 4.Дастгирии ошкоршуда ва асоснокии технологӣ, мусоидат ба рушди фаъолияти амалии муошират хонандагони синфҳои миёна дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ ба роҳ монда шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот ва амалии таҳқиқот:**

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои он ба педагогикаи умумӣ ва назарияи таълиму омӯзиш саҳми муайян мегузоранд. Таҳқиқот мазмуни ҷараёни рушдро кушода медиҳад, фаъолияти амалии муошират хонандагонро муайян мекунад: имконоти фанни забони хориҷӣ (забони англисӣ)-ро барои ташаккули фаъолияти амалии муошират ошкор намуд; дастгирии аз ҷиҳати илмӣ асосноки технологӣ оид ба ташаккули фаъолияти амалии муошират дар байни хонандагони синфҳои миёна дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ (забони англисӣ).

Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар он аст, ки тавсияҳои методологӣ оид ба ташхиси сатҳи ташаккули фаъолияти амалии муошират дар хонандагони синфҳои миёна, барномаи ташкили корҳои беруназсинфии хонандагони синфҳои миёна бо забони хориҷӣ (англисӣ), ки таҳия ва ба раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ворид карда шудаанд, имкон доданд сатҳи ташаккули фаъолияти амалии муошират хонандагон муайян карда шаванд.

Дар раванди кор ва омӯзишу таҳқиқ ва таҳлили маводи ҷамъшуда, муҳаққиқ маҳорату малакаи хеле хуби ҷамъ овардану тасниф, таҳлил ва хулосабарории аз нуқтаи назарию амалӣ дақиқ ва судмандро нишон дод. Дар натиҷа Одиназода Д.Д. тавонист асосҳои методии рушди фаъолияти амалии муошират хонандагони синфҳои миёна зимни омӯзиши забони англисиро дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле намоён ва бо мисолҳои дақиқ таъйиду баррасӣ

намояд. Муҳаққиқ дар чандин мавридҳо далелу мисолҳоеро таъйиид ва баррасӣ намудааст, ки дар адабиёти мавҷудаи илмӣ зикр нашудаанд.

Бешубҳа, муҳаққиқ ҳамчун мутахассиси хеле хуб омода шуда, рушд кардааст, мавзуи рисолаи илмиро ҳаматарафа омӯхта, таҳқиқ кардааст, аз адабиёти илмии педагогика, методика, методология ва забоншиносӣ пурра огоҳ аст ва мавзуи таҳқиқро дар сатҳи баланди илмӣ омӯхтааст.

Кори диссертатсионии муҳаққиқ ба анҷомрасида буда, он босаводона навишта шудааст ва аз назари техникӣ дар шакли зарурӣ таҳия гардида, ба талабот комилан ҷавобгӯй мебошад.

Одиназода Д.Д. аз вазифаи ба ӯҳдадошта ба хубӣ баромадааст ва ҳамчун роҳбари илмӣ чунин мешуморам, ки ӯ сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D012000 – Таълими касбӣ, 6D012001 - Назария ва методикаи таҳсилоти умумӣ мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забоншиносӣ
ва таърихи забони ДДК
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ : Ҷумъахон Алимӣ

Имзои профессор Ҷ.Алимӣ-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Давлатов Миралӣ
Абдусамадович

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров -16
Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (833-22) 2-35-06, (833-22) 2-36-26
Факс: (33-22) 2-35-06, www.kgu.tj

23.12.2025.